## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Бозоров Хушвахт дар мавзуи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)**

Мавзуи таҳқиқшаванда барои илми кишвар мавзуи хеле муҳим буда, омӯзиши он натиҷаи дилхоҳ ба даст меорад.

Рисолаи докторӣи Бозоров Хушвахт дар мавзӯи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ» унвон дошта, аз муқаддима, чор боб, ва хулосаву феҳристи адабиёт иборат аст.

Мубрамияти таълими мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки маҳз коркарди низоми мураттаби ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар пояи методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснок дониста мешавад, дар ин раванд зарур аст, амалӣ гардад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Бозоров Хушвахт дар баробари пешниҳоди асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ иртиботдошта аз оғоз то интиҳои рисола чун хатти сурх дар мадди назари рисоланавис қарор гирифтааст.

Дар муқаддимаи рисола сухан дар бораи мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, методи таҳқиқ, навгониҳои илмии рисола, аҳамияти назариявии тадкиқот, моҳияти амалии тадкиқот, асосҳои назариявӣ ва методологияи тадкиқот, нуктаҳои

муҳими рисола, коркард ва татбиқи натиҷаҳои тадкиқот ва сохтори рисола меравад.

Дар боби якум **«Рушди ақидаи ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони хурдсол дар таҳқиқоти равоншиносию педагогӣ»** зикр мегардад, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба муносибати босалоҳият ба таълим рӯ овharданд, сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ ташаккул дода шуд ва дар таълими забони модарӣ ба фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, имконияти зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир гардид. Минҷумла, ба тайёрии касбии кадрҳои педағогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ диққати ҷиддӣ равона гардид.

Саъю кӯшишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри баланд бардоштани сатҳи салоҳиятмандии кадрҳои педагогӣ барои ташаккули фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар робита бо имконияти зеҳнии донишҷӯён сурат гирифта, соҳаи таҳсилоти олии касбӣ зери парчами Истиқлолият рушд карда, симои худро ба куллӣ тағйир дод ва низоми муайянеро ба даст овард.

Дар боби дуюми рисола **“Фаъолияти мустақилонаи таълимӣ омили ҳалкунандаи рушди зеҳнию нутқии талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ”** мақсад ва вазифаҳои фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ дар раванди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ дар рушди тафаккури мустақилонаи омӯзишии хонандагон дар ҷараёни амалҳо, бозиҳои гунгуни зеҳнӣ, хаёлӣ ва дидактикӣ, тавассути бедории бомароми фикр ва тафаккури мустақилона инкишоф мeёбад.

Ташкили фаъолияти мустақилонаи хонандагон истифодаи методҳои гуногунро талаб мекунад. Ба ақидаи муаллиф, яке аз омилҳои муҳимми раванди педагогӣ дар таълими забони модарӣ санҷиши проблемавии дониш, маҳорат ва фаъолияти мустақилонаи хонандагон маҳсуб меёбад.

Дар боби сеюм **“Таъмини технологии робитаи мутақобилаи фаъолияти мустақилонаи таълимӣ ба рушди зеҳнию нутқии талабагони**

**синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ"** махсусан робитаи таълими ҳамгиро бо таълими тафриқа, нақшаҳо, қоидаҳо, намунаҳо, нақшаҳои дар китоби дарсӣ пешниҳодшуда, методикаи ибтикории ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ, ки ба рушди зеҳнию нутқии хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ нигаронида шудаанд, аҳаммияти калон доранд, васеъ ҳалу фасл гардидааст.

Ба андешаи муаллиф, таъмини технологии робитаи мутақобилаи фаъолияти мустақилонаи омӯзишӣ бо рушди зеҳнию нутқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар дарсҳои забони модарӣ, пеш аз ҳама, ба фаъолияти мустақилонаи хонандагон ҳангоми кор бо варақаҳои такявӣ, намунавӣ ва баррасии дастаҷамъонаи натиҷаи фаъолият дар синф вобаста мебошад.

Дар боби чоруми рисола ба "**Сатҳи ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ дар робита ба рушди зеҳнию нутқии талабагон дар дарсҳои забони модарӣ"** асосмандии методии интихоби шаклҳо, мазмун ва намудҳои фаъолияти таълимии мустақилона дар раванди омӯзиши забони модарӣ дар синфхои ибтидоӣ, иҷрои бошууронаи фаъолияти мустақилонаи кӯдакон дар омӯзиши забони модарӣ, самарабахшии технологияи ташаккули малакаи фаъолияти таълимии мустақилона дар рушди зеҳнию забонии талабагони синфҳои ибтидоӣ баррасӣ гардидааст.

Муаллиф мутмаин аст, ки яке аз масъалаҳои воқеӣ дар назди педагогика ва методикаи таълими замони муосир муайян кардани роҳу усулҳои ташаккулёбию инкишофи сифатҳои маърифатии хонандагони хурдсол, бедор намудани шавқу рағбати маърифатҷӯӣ дар ҷараёни таълимӣ маҳсуб меёбад.

Натиҷаи коркарди корҳои назарсанҷӣ ва умуман корҳои озмоишӣ тариқи ҷадвалу диаграммаҳо мувофиқи мактабу минтақаҳо мушаххас бо усули оморӣ дуруст ва нишонрас манзур шудааст.

Тадқиқоти назариявӣ ва озмоишии доиркардашуда ба амали шудани ҳадафи рисола мусоидат намуда, фарзияи рисоларо дар бораи

тавассути фаъолиятҳои фориғаздарсӣ тақвият бахшидани ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагон асоснок намуд.

Ҳар як боби рисола бо хулосаҳои мушаххаси муаллиф ба охир расидаанд ва ин аз он гувоҳи медиҳад.

Фишурдаи рисола ва матолиби интишорнамудаи муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Хулосахои мухтасари кори диссертатсионӣ, ки ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, тибки талаботи дории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро ба тавri фишурда инъикос менамоянд.

Диссертатсияи илмии Бозоров Хушвахт дар мавзӯи «Асосҳои методии ташаккули малакаи фаъолияти мустақилонаи омӯзиши забони модарӣ ва инкишофи зеҳнии талабагони синфҳои ибтидоӣ» таҳқиқоти комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии илмӣ таълиф шудааст. Диссертатсия бо мухиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти ҶТ мувофик буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ) сазовор аст.

**Муқарриз:**

доктори илми филологӣ, и.в. профессори
кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
«12» 12 соли 2024. Одинаев Нурмаҳмад Сафарович

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, 63/3.

E - mail: odinaievn@mail.ru
Тел.: (+992) 93-445-33-44.

Имзои и.в.профессори кафедраи фанҳои гуманитарӣ
Н.С. Одинаевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон,
номзади илми сиёсатшиносӣ Раҳматулло Нусратулло

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Карабоев, 63/3.
Сомонаи муассиса: www.tut.tj
Тел.: (+992-37) 2-50-15-35.
Факс: (+992-37) 2-34-49-88.